Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 96 (4516) | ЧОРШАНБЕ, 3 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ЗОДАИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ ВА СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ДАВЛАТДОРӢ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 25 - солагии таъсисёбии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантии Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳ**

**ноҳияи Хуросон, 2 августи соли 2022**

**Рафиқон генералҳо, афсарон, прапоршикҳо ва сарбозон!**

Ҳамаи шумо – фарзандони далеру шуҷои Ватани маҳбубамонро ба ифтихори Рӯзи десантчиён ва 25-солагии таъсисёбии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ самимона табрик мегӯям.

Десантчиёни тоҷик ҳамчун яке аз сохторҳои муҳими Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолияти кишварамон ва сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон ба ҳисоб мераванд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, ки таърихномаи начандон тӯлонӣ, вале пур аз саҳифаҳои шуҷоату далерӣ доранд, фаъолияти худро соли 1993 дар марҳалаи ниҳоят мураккаби давлатдории навини халқи тоҷик ҳамчун ниҳоди асосии ҳимоякунандаи сохти конститутсионӣ ва таъминкунандаи тамомияти арзии мамлакат оғоз кардаанд.

Мо хуб дар ёд дорем, ки қисму воҳидҳои ҳарбии Артиши миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кадом вазъу шароит қарор доштанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ барои таъсис додани Қувваҳои Мусаллаҳ ва бо шароити зарурӣ таъмин кардани онҳо тамоми чораҳои имконпазирро амалӣ гардонид, то ин ки Артиши миллӣ, ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба неруи воқеан муосир ва ҳомии истиқлолияту озодии давлати тоҷикон, сулҳу оромӣ, амнияти давлату ҷомеа ва зиндагии орому осудаи мардуми тоҷик табдил дода шаванд.

Неруҳои десантӣ дар ибтидо ҳамчун баталёни алоҳида ташкил карда шуданд ва баробари фароҳам гардидани имконият дар заминаи ин баталён Бригадаи 7-уми алоҳидаи ҳамлаовари десантӣ дар ҳайати панҷ баталён таъсис дода шуда, бо техникаи ҷангӣ ва силоҳу таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардид ва ба ҳайати Қӯшунҳои зудамали Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон шомил карда шуд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз зиёда аз 95 фоизи афсарони бригадаи мазкурро мутахассисони сатҳи баланди касбӣ – хатмкардаҳои муассисаҳои таълимии ҳарбии дохил ва хориҷи кишвар ташкил менамоянд.

Ба зиммаи бригада иҷрои вазифаҳои махсусан муҳими ҷангӣ вогузор гардидаанд, яъне, десантчиён вазифаҳои вазнин, махсусан муҳим ва масъулиятнокро ба уҳда доранд.

Бо дарназардошти ин ва барои дар шароити кӯҳӣ омода намудани десантчиён дар мавзеъҳои гуногуни кишвар машқгоҳу марказҳои таълимӣ бо тамоми шароити зарурӣ ва инфрасохтори муосир ташкил карда шудаанд, ки ҳоло десантчиён дар онҳо малакаву маҳорати худро дар самти анҷом додани амалиёти ҷангӣ дар шароити гуногун, аз ҷумла дар минтақаҳои душвору баландкӯҳ, сайқал медиҳанд.

Имрӯз мо бо ифтихор ибрози медорем, ки десантчиёни Тоҷикистон рисолати касбӣ ва қарзи фарзандии худро дар назди давлату миллат то ба имрӯз содиқона ва сарбаландона иҷро намуда, дар ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, сулҳу оромӣ ва амнияти шаҳрвандони кишвар ҷасорату корнамоиҳои зиёд нишон додаанд.

Афсарону сарбозони далеру шуҷои Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ тайи 25 соли мавҷудияти ин сохтори низомӣ дар бисёр амалиётҳои махсус оид ба безараргардонии гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ки бо дасисаву дастгирии хоҷагони хориҷии худ мехостанд вазъи кишвар ва ҳаёти осоиштаи мардумро халалдор созанд, қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро карданд.

Дар ҷараёни муҳорибаҳо ба муқобили гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва ҳимояи сохти конститутсионӣ даҳҳо нафар афсарону сарбозони неруҳои десантӣ ҷони худро аз даст доданд, ки хотираи неки онҳо ҳаргиз аз ёди мо фаромӯш нахоҳад шуд.

Ҳукумати мамлакат хизмати содиқонаи ҳайати шахсии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантиро ҳамеша қадрдонӣ мекунад ва то ба ҳол зиёда аз 40 нафар афсарону сарбозон бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаҳои олии ҳарбӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Хотирнишон менамоям, ки фазои орому осудаи имрӯзаи мамлакат бо ҷоннисорӣ, ҷасорату диловарӣ ва матонату фидокории фарзандони содиқи Ватан, аз ҷумла десантчиёни далеру шуҷоъ, ба даст омадааст ва ҳимояи он имрӯз ҳамчун вазифаи масъулиятноку бошараф ба зиммаи шумо вогузор гардидааст.

Хусусан, вазъи ноороми ҳарбиву сиёсӣ, ки имрӯз минтақа ва ҷаҳонро фаро гирифтааст, инчунин, торафт вусъат пайдо кардани миқёси хатару таҳдидҳои муосир, қабл аз ҳама, терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сатҳи баланди омодабошии ҷангӣ, маҳорату малакаи касбӣ, эҳсоси гарми ватандӯстӣ, садоқат ба Ватан, давлат ва миллат, ифтихори ватандорӣ, ҷасорату далерӣ ва мардонагиву фидокориро талаб менамояд.

Бахусус, десантчиён бояд ба иҷрои вазифаи худ бо масъулияти баланд муносибат намоянд ва фаромӯш насозанд, ки вазифаи ба дӯши онҳо гузошташуда рисолати муқаддас ва масъулияти махсус мебошад.

Шумо - афсарону сарбозони шуҷои Ватан бояд ба хотири иҷрои масъулият ва вазифаи худ, пеш аз ҳама, интизоми қатъии низомӣ ва риояи бечунучарои талаботи оинномаҳои ҳарбиро таъмин намоед ва барои ҳимояи зиндагии осоиштаи мардуми шарифи Тоҷикистон доимо омода бошед.

Бори дигар ҳамаи шумо - десантчиёни далеру шуҷои кишвар ва муҳофизони Ватани азизамонро ба ифтихори 25-умин солгарди таъсисёбии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ ва Рӯзи десантчиён самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо дар ҷодаи хизмати бошарафатон барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша сиҳатманду сарбаланд бошед, ҳомиёни содиқи Ватан!**

## БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ БРИГАДАИ 7-УМИ ҲАМЛАОВАРИ ДЕСАНТИИ ҚӮШУНҲОИ ЗУДАМАЛ

**Дуюми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар таҷлили 25-умин солгарди Рӯзи десантчиёни тоҷик ва бо мақсади шиносоӣ аз вазъи будубоши ҳайати шахсии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ ба машқгоҳи ҳарбии «Фахробод» дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ташриф оварданд.**

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар машқгоҳи ҳарбии «Фахробод» вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал - полковник Шералӣ Мирзо истиқбол гирифт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо намунаи як қатор техникаҳои вазнини муосири ҳарбӣ, силоҳу муҳимоти ҳозиразамони ҷангӣ ва аз бинову иншооти ёрирасони ҳайати шахсии ин ҷузъи низомӣ шинос гардиданд.

Афсарону мутахассисони варзидаи низомӣ ба Президенти мамлакат доир ба хислатномаи тактикиву техникии мошинҳои ҷангии «Ураган», артиллерияҳои худгард, техникаҳои махсуси муҳандисӣ, таҷҳизоти гуногуни минаҷӯӣ, минамёт ё тӯпҳои қутрашон гуногун, системаи вазнини оташандозии «ТОС-1А», автомашинаҳои махсуси сайёр, ки бо техникаву технологияҳои муосири ҳарбӣ муҷаҳҳаз шудаанду дар ҳолати ҷанг ва ё вазъияти фавқулода ба таври фаврӣ метавонанд, ба мавзеъ ва минтақаҳои муайяншуда интиқол ёфта, рафти амалиёти ҷангиро идора намоянд, инчунин оид ба мошинҳои гуногуни боркашу нақлиётӣ, мошинҳои махсуси зиреҳдори замонавӣ, силоҳу муҳимоти ҳозиразамони ҳарбӣ, норинҷаки дастӣ, аслиҳаи гуногуни сабуки ҷангӣ ва воситаҳои махсуси ашковару беҳушкунанда, ки дар Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат истифода мешаванд, маълумот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба таҳдиди хатарҳои ҷаҳони муосир, ҷиҳати самаранок истифода бурдану дар ҳолати хуби омодагии ҷангӣ нигоҳ доштани қувваю воситаҳои махсуси низомӣ, силоҳу муҳимоти ҷангӣ, мутахассисони варзидаи низомӣ ва сайқал додани таҷрибаи доимии афсарону сарбозон ба ҳайатҳои роҳбариву фармондеҳии Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои қудратии мамлакат супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нонпазхона ва ошхонаи саҳроиро, ки дар гӯшаи дигари машқгоҳи ҳарбии «Фахробод» ба таври намунавӣ ташкил гардид, аз назар гузаронданд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## РӮҲБАЛАНДИИ МАРДУМ АЗ ТАВАҶҶУҲУ ДАСТГИРИИ МУНТАЗАМ АСТ

**Якуми августи соли равон дар толори калони бинои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ мулоқоти Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо фаъолони ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Панҷакент доир гардид.**

Дар ҷамъомад муовини раиси вилояти Суғд Зоҳид Давронзода, раиси ноҳияи Айнӣ Муқим Муродзода, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва дигар фаъолон аз шаҳру ноҳияҳои зикршуда ширкат варзиданд.

Қобили зикр аст, ки мулоқот ба хотири шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат, ки 21 декабри соли гузашта ироа гашт, баргузор шуд.

Муовини раиси вилояти Суғд Зоҳид Давронзода чорабиниро ифтитоҳ намуда, меҳмононро хайра мақдам гуфт.

Сипас, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҳуҷҷати муҳиму сарнавиштсоз - Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакатро шарҳу тавзеҳ дод. Дар идомаи суханронӣ фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳвар қарор гирифта, зикр шуд, ки ҳайати вакилони кунунии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла олимон, ҳуқуқшиносону иқтисодчиён, муҳандисону меъморон, табибон ва намояндагони дигар соҳаҳо, ташкил медиҳанд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд, ки ҳама дастуру ҳидоятҳои аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон додашуда дар фаъолияти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сармашқи кор мебошанд.

- Минбаъд низ ҳама кӯшиш ба он равона мегардад, ки манзалати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор дар пешбурди сиёсати давлатӣ муассиртар гардад. Табиист, ки дар ин раванд тавсеа бахшидани робитаи вакилон бо интихобкунандагон хеле муҳим ва саривақтӣ аст. Бо назардошти ин, кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳое, ки аз ҷониби вакилон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, барои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ва некуаҳволии мардум мусоидат намоянд. Зеро қонун ифодакунандаи иродаи шаҳрвандон ва парлумон, фароҳамкунандаи фазои мукаммали ҳуқуқӣ дар ҷомеа ба ҳисоб рафта, рисолати вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабули қонунҳое мебошад, ки дар марҳилаи муосири рушди кишвар зарурӣ буда, ҷавобгӯи манфиатҳои миллии халқи Тоҷикистон бошанд, - таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар фарҷом Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаро ба шукргузорӣ аз рӯзгори кунунӣ, дастовардҳои кишвар ва фазои сулҳу оромӣ даъват намуда, зикр кард, ки ба ҳеҷ ваҷҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва аз манфиатҳои миллӣ ба таври шоиста ҳимоя намоянд.

Сипас, миёни Маҳмадтоир Зокирзода ва ҳозирин суҳбати самимӣ ва ошкоро сурат гирифт, ки дар раванди он мушкилоти мавҷуда баррасӣ ва пешниҳодот ироа гардиданд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**



## ТОҶИКИСТОН ВА ҶОПОН. РОБИТАҲОИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

**Дуюми августи соли равон роҳбари Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагон бо Палатаи намояндагони парлумони Ҷопон Шариф Ҳакимзода бо роҳбари ҳайати парлумонии Ҷопон Кейҷӣ Фуруя, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овард, мулоқот намуд. Зимни он муносибатҳои дипломатии байни ҳар ду кишвар, хоса робитаҳои байнипарлумонӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Зикр гардид, дар таҳкими ҳамкории дуҷониба фаъолияти Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA), ки аз моҳи августи соли 2006 дар рушди соҳаҳои иҷтимоии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузорад, аҳамияти хоса дорад. Инчунин, ҳамкориҳои Тоҷикистону Ҷопон дар соҳаи нақлиёт аз соли 1999 инҷониб инкишоф ёфта, дар натиҷа татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди шоҳроҳи Дӯстӣ - Панҷи Поён, Бохтар - Дӯстӣ ва сохтмони терминали боркашонии Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе амалӣ мегардад.

- Самаранокии ҳамкории байнидавлатии дуҷониба ба парлумонҳо ва вакилони парлумон, бахусус Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи намояндагони парлумони Ҷопон низ, вобаста буда, мубодилаи сафарҳои корӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногун, инчунин муколамаи ошкоро оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ ба таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ мусоидат менамояд, - иброз дошт Шариф Ҳакимзода.

Кейҷӣ Фуруя аз ҷараёни ҳамкории байнипарлумонии Ҷопону Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карда, сафари ҳайати парлумони Ҷопон ба Тоҷикистонро дар таҳкиму тавсеаи робитаҳои байни парлумонҳо ва мардуми Тоҷикистону Ҷопон муҳим арзиёбӣ намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# БОЗДИДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ БРИГАДАИ 7-УМИ ҲАМЛАОВАРИ ДЕСАНТИИ ҚӮШУНҲОИ ЗУДАМАЛ



**(Идома аз саҳ. 1)**

Ба ғайр аз нонпазхона, инчунин ошхонаи саҳроӣ, ҳаммоми сарбозӣ, мавзеъҳои махсус ва муҷаҳҳаз бо дастгоҳу таҷҳизоти ҷомашӯӣ, тамиз кардани сарулибос ва ҷиҳози хоби ҳайати шахсӣ низ ташкил гардид. Дар ҳамон ҷо автомашинаи махсуси нуқтаи идоракунии ақибгоҳӣ низ муаррифӣ шуд.

Мавриди зикр аст, ки соли 2018 ба муносибати таҷлил аз 25-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон машқгоҳи низомии «Фахробод», бинои муҷаҳҳази нави таълимии ҳарбӣ мавриди истифода қарор гирифт. Он аз иншооти гуногуни ёрирасон иборат буда, бо харҷи беш аз 11 миллион сомонӣ сохта шудааст.

Бинои дуошёна дар масоҳати 1260 метри мураббаъ бунёд гардида, барои 300 нафар ҳайати шахсӣ пешбинӣ шудааст ва дар дохили иншоот ҳама шароити муосири таълимӣ ва ҳам хизмативу маишӣ фароҳам мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз шиносоӣ бо намунаи як қатор техникаҳои вазнини муосири ҳарбӣ, силоҳу муҳимоти ҳозиразамони ҷангӣ ва чанд бинову иншооти ёрирасони ҳайати шахсӣ ба маркази баргузории чора-



бинӣ, ки машқҳои махсуси тактикӣ ва гузашти низомӣ пешбинӣ гардид, ташриф оварданд.

Ба Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон командири Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ полковник Абдулмумин Асозода, ки роҳбарии машқҳои махсуси тактикиро бар уҳда дошт, доир ба ташкилу баргузории чанд унсури зиддитеррористӣ гузориш дод.

Бояд гуфт, ки дар машқҳои махсуси тактикӣ, техникаҳои вазнини зиреҳпӯши ҳарбиву нақлиётӣ, мошинҳои махсуси муосири зиреҳдор, чархболҳои «МИ-8», «МИ-24», ҳавопаймоҳои ҷангиву таълимии «Л-39», «АН-2», силоҳу муҳимоти муосири низомӣ ва дигар аслиҳаи ҳозиразамони оташфишон истифода шуд.

Дар машқҳои махсуси тактикӣ, тарзи ташкил ва тарҳрезӣ намудани амалиёти десантчиён, бурдани разведкаи заминиву фазоӣ, интиқоли қувва ва воситаҳои гурӯҳҳои баталёнӣ-тактикии Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ ба минтақаи иҷрои вазифаҳои ҷангӣ, бо тактикаву усулҳои хос тасарруф ва нобудсозии пойгоҳи террористӣ, тавассути чархболу ҳавопаймо дар баландиҳои гуногун ва талу теппаҳои ноҳамвор бо усули ҷаҳидану тариқи парашютҳо аз ақибгоҳи душман фуруд овардани десанти фазои тактикӣ, ҳангоми муқовимати мусаллаҳона таъмини ҳайати шахсӣ бо воситаҳои моддиву техникӣ, пурра торумор намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва дигар унсурҳои зиддитеррористиро амалан иҷро намуданд.

Зимни анҷоми машқҳои махсуси тактикӣ, инчунин дар назди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар иштирокчиёни чорабинии ҷашнӣ, омодагии десантчиён дар задухӯрдҳои тан ба тан низ бо усулҳои шарқӣ намоиш дода шуд. Ин таҷриба имкон медиҳад, ки бо теъдоди ками ҷузъу томҳо гурӯҳҳои зиёди душманро дастгиру безарар намуд.

Қобили зикр аст, ки Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантии Қӯшунҳои зудамал яке аз неруҳои эҳтиётии Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб рафта, он дар арсаи байналмилаливу минтақавӣ як қатор уҳдадориҳои муҳимро доро мебошад. Аз ҷумла, се баталёни десантӣ аз ин навъи Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳайати неруҳои зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ ва Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантии он бошад, пурра ба ҳайати Қувваҳои муштараки вокуниши фаврии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ шомиланд.

Дар 25 соли мавҷудият десантчиёни тоҷик дар ҳамоҳангӣ бо дигар воҳидҳои таъиноти махсуси сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат борҳо дар амалиёти гуногуни ҷангӣ фаъолона иштирок карда, вазифаҳои дар назди онҳо гузошташударо сарбаландона иҷро намудаанд.

Дар баробари дигар ҷузъу томҳои Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ, як ҷузъи ин баталён омодагии махсуси фуруд омаданро бо парашютҳои варзишӣ гузаштанд, ки маҳорати онҳо дар иди касбии десантчиён намоиш дода шуд.

Десантчиёни тоҷик ва парашютчиёни Ташкилоти ҷамъиятии «Мададгори мудофиа»-и мамлакат аз ҳавопаймо ва тавассути парашютҳои варзишӣ бо Парчами давлатӣ, байрақи ҷангӣ ва байрақи хоси десантчиён аз баландии 1200 метр ба замин ва ба маркази майдони чорабинӣ фуруд омаданд.

Пас аз анҷоми машқҳои махсуси тактикӣ ва дигар бахшҳои ин чорабинӣ ҳайати шахсии ҷузъу томҳои Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантии Қӯшунҳои зудамал дар маркази майдони машқгоҳи ҳарбӣ саф оростанд.

Баъд аз садо додани Суруди Миллӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди ҳайати шахсӣ суханронӣ намуданд.

Сипас, бо амри командири Бригадаи 7-уми ҳамлаовари десантӣ ва таҳти созу навои оркестри ҳарбии нафасӣ гузашти низомии ҷузъу томҳо оғоз гардид.

**www.president.tj**

---

**Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ**

# СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ. МАРҲИЛАЕ, КИ АФСОНАҲО БА ВОҚЕИЯТ ТАБДИЛ ЁФТАНД

**Дар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо доираи васеи намояндагони ВАО - и ҳукуматӣ, ки 20 феврали соли 2019 доир гашт, ба ман муяссар гардид, суханронӣ ва чанд пешниҳодро ироа намоям. Аз ҷумла, бо арзи эҳтиром ба самъи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон расонидам, ки дар самти инъикоси дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ, ки ба шарофати сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаашон бениҳоят зиёданд, тавсеа бахшидани фаъолияти журналистон дар заминаи дастгирии вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ тақозои замон аст. Дастгирии сохторҳои дахлдор ба журналистон дар он зоҳир мегардад, ки далелу рақамҳоро пешниҳод кунанд, то аҳли қалам онҳоро дар қолаби жанрҳои гуногуни журналистика ба ҳамватанон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ манзур намоянд, зеро ҳаводиси ҷаҳони муосир тақозо дорад, ки журналистон, албатта онҳое, ки ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ содиқу арҷгузоранд, бояд ба ҳар як рӯйдоду воқеа сари вақт вокуниш нишон диҳанд ва матолиби таҳлилӣ таҳия кунанд.**

**- Шумо - роҳбарони воситаҳои ахбори омма бояд сипари боэътимоди ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, дастовардҳои истиқлолияти кишвари азизамон бошед, зеро воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ барои анҷом додани ин кор имкониятҳои кофии зеҳнӣ ва техникӣ доранд, - таъкид карданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.**

**Ёдрас шудан аз он мулоқот ба он хотир аст, ки аҳли қалам дар мавриди рисолаташон ҷиддитар андеша кунанд.**

Дар бораи Истиқлолияти давлатӣ зиёд мегӯянду менависанд ва табиист, ки дар кадом сатҳ инъикос ва бозгӯӣ гардидани моҳияти он ба касбият, садоқат ва ҷаҳонбинии муаллиф вобаста аст. Аз он нигаронам, ки дар баъзе маврид, чун сухан дар бораи ин неъмати бебаҳо равад, як идда тарзе андешаронӣ мекунанд, ки гӯё Истиқлолияти давлатӣ ва сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон ба осонӣ муяссар шудааст. Ин қабил нодида мегиранд, ки дар зарфи 31 соли соҳибистиқлолӣ мардуми шарифи Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи таърихиеро тай намуд, ки масири пур аз маҳрумият ва монеаву мушкилот маҳсуб мешавад.

Тавре Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Дар он айёми вазнину мудҳиш фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ пурра фалаҷ гардида, низоми идоракунии давлатӣ амалан барҳам хӯрда, Конститутсия ва дигар қонунҳо поймол ва дар кишвар фазои беҳокимиятиву хушунату зӯроварӣ ҳукмфармо гардида буд. Бузургтарин фоҷиа дар он рӯзҳо хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик буд».

Имрӯз баъзеҳо шояд фаромӯш карда бошанд, ки Тоҷикистон ба ҳайси давлати истиқлолияти худро эълонкарда зиёда аз як сол рамзҳои давлатӣ, яъне Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ надошт...

Муаррифии дастовардҳои кишвар рисолати аҳли зиё буда, ҳар касе, ки ин пешравиҳоро нодида мегирад, ба қавли Ҳилолӣ: «ё одам нест ё аз ин олам нест».

31 соли соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки ҳарчанд тоҷику тоҷикистониён баъд аз истиқлолияту озодӣ ба имтиҳони бисёр сахту сангини таърих – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардиданд, вале ба шарофати азми қавӣ ва нияти неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит гардид, ки қодиранд зери роҳбарии ин абармард муттаҳид гардида, давлатро соҳибӣ намоянд ва Ватанро бо заҳмати содиқона ободу зебо гардонанд.

Дар ҳоле ки аксарият фарзандони нохалаф ва «дӯстон» - и миллати тоҷик «дар ғами чарбу» буданд, Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ тадбирандешии бетаъхирро барои барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷшудаи давлатӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, таъҷилан аз байн бурдани хавфи гуруснагӣ, барқарор намудани манзилҳои харобгашта ва иншооту биноҳои сӯхтаву валангоршуда шурӯъ карданд.

Тавре дар яке аз суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр шуд: «Аз фаъолият бозмондани корхонаҳои истеҳсолӣ, таназзули бошиддати иқтисодиёт, сатҳи баланди бекорӣ, таварруми бесобиқа, кам шудани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ ва афзоиши босуръати сатҳи камбизоатӣ ба воқеияти бисёр вазнини он рӯзҳо табдил ёфта буд. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1992 - 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ се баробар ва маҳсулоти кишоварзӣ ду баробар коҳиш ёфт».

Чун нияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нек ва иродаашон хастагинопазир буд, дар марҳилаи аввали давлатдорӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, комёб гардиданд.

Онҳое, ки ҳоло ба дастовардҳо аз паси панҷа менигаранд, медонанду нодида мегиранд, ки замоне ки ҳанӯз ҷангу даргириҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар идома доштанд, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, муҳайё кардани шароити зиндагӣ ва ҷои кор барои онҳо ҳамаи саъю талошро ба ҳалли масъалаҳои барқарорсозии иқтисоди фалаҷгаштаи кишвар сафарбар сохта, пастравии иқтисоди миллиро боздоштанд.

Дар робита ба ин ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки кишвари мо танҳо соли 2000-ум ба марҳилаи рушд ворид шуд. Ислоҳоти дар тамоми соҳаҳо, ҷиҳати барқарор ва мукаммал гардонидани низоми идоракунии давлат, дигаргунсозиҳои сохторӣ, таъмини гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ тадбирҳои самарабахш ва идомаи мантиқии ибтикори ба сифати Роҳбари мамлакат амалинамудаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

Бамаврид аст аз он ёдовар шавем, ки дар ин марҳила Пешвои миллат бо ҷасорати хос ва беназир, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворechи кишварро ҳадафҳои стратегӣ эълон намуданд. Муболиға нахоҳад буд, агар гӯем, ки дастовардҳои минбаъда аз ин ибтикор маншаъ гирифтаанд.

Ҳадафҳои зикршуда ва амалӣ гардонидани силсилаиқдомҳое, ки дар саргаҳи онҳо низ Сарвари давлат қарор доштанд, замина фароҳам овард, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27,6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 зиёд шавад.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ низ тамоюли афзоишро касб намуда, ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 ҳазор сомонӣ расида, беш аз 30 баробар зиёд гардид. Сатҳу сифати зиндагии мардум ва дарозумрии шаҳрвандон аз нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоб рафта, аксар маврид хулоса аз ҳамин зовия қабул мешавад. Месазад ёдовар шавем, ки дар ин давра шумораи аҳолии кишвар аз 5,5 миллион нафар то 10 миллион нафар зиёд шуда, дарозумрии миёнаи шаҳрвандон ба 75,1 сол расид.

Дар ҳоле ки тӯли 70 соли то замони Истиқлолияти давлатӣ ба аҳолӣ ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин ҷудо шуда буд, дар даврони соҳибистиқлолӣ 1,4 миллион оила барои бунёди манзили истиқоматӣ 138 ҳазор гектар заминро соҳиб шуданд.

Дар бист соли охир, яъне, аз соли 2001, ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба маблағи беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки 59 миллиард сомонии он сармояи мустақим мебошад. Шоҳидем, ки дар аксар кишварҳо, бинобар набудани сармоягузорони хориҷӣ бунёдкориву созандагӣ мувофиқи мақсад нест. Бояд арҷгузорӣ намоем, ки нуфузу маҳбубият ва мақому манзалати бениҳоят баланди Пешвои миллат ҳамчун Абармарди олами сиёсат замина фароҳам овард, ки дар давраи зикршуда бо ҷалби сармояи хориҷӣ ба маблағи умумии беш аз 91 миллиард сомонӣ зиёда аз ҳазор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ, бахусус, дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, маориф ва тандурустӣ, инчунин, энергетика, нақлиёт, обтаъминкунӣ ва дигар бахшҳо, амалӣ шуд.

Тавре маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳанд, ҳоло 74 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст, ки маблағи умумии онҳо 40,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Тоҷикистон тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ дар даҳ соли охир чор маротиба ба даҳгонаи кишварҳои пешсафи ислоҳотгари ҷаҳон дар самти пешбурди соҳибкориву сармоягузорӣ дохил гардид.

Дар ин замина, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаи соли 1997-ум 7 баробар афзоиш ёфта, соҳаҳои саноати сабук, металлургия, хӯроквории, истихроҷу коркарди маъдан, саноати кимиё ва масолеҳи сохтмон ба пешравиҳои назаррас ноил шудаанд.

Дастоварди дигар он аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ вобастагии иқтисоди кишвар ба маҳсулоти воридотӣ, аз ҷумла, ангишт, масолеҳи сохтмон, бахусус, семент ва бисёр намудҳои маҳсулоти ғизоӣ, бартараф гардида, барои содироти маҳсулоти саноатии ватанӣ замина фароҳам шуд. Далел: Агар истеҳсоли семент соли 1992-юм 446 ҳазор тоннаро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ба 4,2 миллион тонна расонида шуд, ки қариб 10 баробар зиёд мебошад. Истеҳсоли ангишт беш аз 9 баробар зиёд гардида, аз 214 ҳазор тоннаи соли 1992 ба 2 миллион тонна дар соли 2020 расид.

Тоҷикистониён бояд арҷгузор бошанд, ки бо ташаббуси муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешгирӣ кардани хатари гуруснагӣ ва минбаъд бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ таъмин намудан солҳои 1995 - 1997 ба аҳолӣ 75 ҳазор гектар замин, ки байни мардум ҳамчун «заминҳои президентӣ» маъмул мебошад, тақсим карда шуд.

Дар робита ба ин далел бамаврид аст аз он ёдовар шавем, ки дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 112 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд гардид, ки нисбат ба соли 1991-ум 2,2 баробар зиёд мебошад.

Ҳамрадиф бо ин, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2020 нисбат ба соли 1997-ум 5,4 баробар афзоиш ёфта, ба 33,6 миллиард сомонӣ расид. Агар ин дастовардҳоро раддабандӣ намоем, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ истеҳсоли ғалла 5,3 баробар, картошка -10, сабзавот ва мева 7 баробар зиёд гардидааст.

Шоҳиди он будем, ки бар асари бенизомию нобасомониҳои солҳои 90 - уми асри XX кори нақлиёт, ҳолати роҳҳо, пулҳо ва иншооти дигар фалаҷ шуда буд. Аксари инфрасохтори нақлиётӣ корношоям гардида, роҳҳои асосии мошингард ҳолати харобу ҳузнангез доштанд. Ба хотири расидан ба ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии иқтисоди кишвар, пеш аз ҳама, таъмини рафтуомад ва робита зарур буд.

Ҳамон вақт Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин вазъиятро эҳсос намуда, гуфта буданд, ки «... яке аз масъалаҳои мушкили Тоҷикистон роҳ, аниқтараш бероҳӣ, мебошад. Истиқлоли иқтисодиро бе бунёди роҳҳои мошингард, хусусан, роҳҳо ва пулҳое, ки Тоҷикистонро бо дигар мамлакатҳо мепайванданд, тасаввур кардан душвор аст».

Биноан, Пешвои миллат аҳолии кишварро бо азми қатъӣ ба сохтмону созандагӣ, эҳёи роҳу пулу иншооти инфрасохтори роҳдорӣ, ободониву бунёдкорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама, дар соҳаи роҳу нақлиёт, даъват карда, Ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, то ҷиҳати бунёди инфрасохторе, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад, тадбирҳои зарурӣ андешад.

Роҳбари давлат бо қатъият иброз доштанд, ки «ҳадафи асосии Ҳукумат бо бунёду сохтмон ва таҷдиди роҳҳо, нақбу пулҳо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон ва аз тариқи онҳо дар байни тамоми минтақаҳои мамлакат фароҳам овардани робитаҳои нақлиётӣ, инчунин ба як қаламрави воҳид табдил додани Ватани азизамон мебошад».

Бо ин мақсад Ҳукумати мамлакат корҳои зиёдро ба анҷом расонида, даҳҳо лоиҳаи сармоягузориро татбиқ намуд, ки дар доираи онҳо дар кишвар беш аз 2200 километр роҳи байналмилалии мошингард, 220 километр роҳи оҳан, 237 пул ва 5 нақби мошингузар бунёд гардида, ҳоло корҳо дар дигар лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ доир ба бунёди роҳҳо идома доранд. Муҳим он аст, ки маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати бунёди роҳҳо ва нақбу пулҳо Тоҷикистони сепорча ба қаламрави воҳид табдил ёфт, яъне, робитаи заминии байни ҳамаи минтақаҳои он дар чор фасли сол таъмин гардид. Тибқи иттилои дастрас, ҳоло дар соҳаи нақлиёт зиёда аз 60 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии беш аз 20,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Мадди назар бояд дошт, ки лоиҳаҳои дар соҳаи роҳу нақлиёт амалигардида имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо дар зарфи ду соли охир бист зина боло рафта, тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар байни 141 давлат зинаи панҷоҳумро ишғол намояд.

Иншооти бузурги гидроэнергетикӣ, аз ҷумла неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2», ду агрегати Неругоҳи барқи обии «Роғун», марказҳои барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, садҳо неругоҳи барқи обии хурд, ҳатти интиқоли барқи 500 - киловолтаи «Ҷануб - Шимол», хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ва зеристгоҳҳои барқии пуриқтидор таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд» ва «Қайроққум» дастовардҳои соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб мераванд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ иқтидори энергетикии мамлакат тадриҷан зиёд гардида, аз 4044 мегаватти соли 1991-ум ба 6131 мегаватт дар соли 2020 расонида шуд.

Моҳияти ин дастовардҳо дар он зоҳир мегардад, ки маҳз ба шарофати онҳо низоми ягонаи энергетикии мамлакат ташаккул ёфта, маҳдудияти таъмини аҳолӣ бо барқ дар фаслҳои тирамоҳу зимистон бартараф гардид, ки ин низ аз дастовардҳои назарраси даврони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Ҳамрадиф бо соҳаҳои зикршуда дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ рушди соҳаҳои иҷтимоӣ самтҳои афзалиятнок эълон гардида, маблағгузории соҳаи маориф садҳо баробар афзуда, беш аз 3 ҳазор бинои нави таълимӣ барои 1 миллиону 270 ҳазор ҷои нишаст бунёд ва ба истифода супорида шуд. Ёдрас мешавем, ки агар соли 1991 шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамагӣ 13 ва донишҷӯён 70 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, имрӯз шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба 41 ва донишҷӯён ба 245 ҳазор нафар расидааст.

Маблағгузории соҳаи тандурустӣ низ сол ба сол зиёд гардида, дар 20 соли охир беш аз 16 миллиард сомониро ташкил кард. Дар ин давра барои фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонии тиббӣ ба аҳолии мамлакат зиёда аз 2550 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд ва бо таҷҳизоти муосири тиббӣ таъмин гардид. Махсус бояд зикр намоем, ки дар натиҷаи тадбирҳои барои рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ амалигардида соли 2020 нисбат ба соли 1991 фавти кӯдакон 3 баробар ва фавти модарон 4 баробар коҳиш ёфт.



Далели дигар: Дар тамоми қаламрави кишвар то замони Истиқлолияти давлатӣ камтар аз ҳазор иншооти варзишӣ вуҷуд дошт. Ҳоло ин шумора ба 10 ҳазору 220 расидааст.

Баргузории ҷашну чорабиниҳои муҳим, аз ҷумла 1100 - солагии давлатдории Сомониён, 2700 - солагии китоби муқаддаси «Авасто», Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ, 1150 - солагии устод Рӯдакӣ, Соли бузургдошти Имоми Аъзам, 1000 - солагии Носири Хусрав, 800 - солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 700 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 700 - солагии Камоли Хуҷандӣ, 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб, 2500 - солагии шаҳри Истаравшан, 3000 - солагии маданияти Ҳисор, 5500 - солагии Саразми бостонӣ далели возеҳи собитқадам будани Пешвои миллат дар самти гиромидошти ниёкон мебошад. Месазад аз саъю талоши Пешвои миллат, ки дар ин замина ҷашни Наврӯз ҷаҳонӣ гардид, ёдовар шавем.

Боиси ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки ба шарофати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мамлакати азизи мо мақому нуфузашро дар ҷаҳон боло бурда, бо талошҳои муассир дар арсаи байналмилалӣ ташаббускор аст. Муаллифи чаҳор ташаббуси бузург - «Соли байналмилалии оби тоза», соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои ҳаёт», солҳои 2005 - 2015, «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», соли 2013 ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018 - 2028 будан далели гуфтаи болост.

Муҳимтар аз ҳама, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи пеши мубоbizаи ҷомеаи байналмилалӣ бо терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар қарор дошта, рӯйдодҳои охири ҷаҳон дурустии тасмимгирии Роҳбари давлатро дар ин самт собит намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд: «Ҳар дастоварде, ки дорем, аз худи мост. Мо бояд ба хотири Ватан, давлат ва халқи Тоҷикистон минбаъд низ содиқона заҳмат кашем ва дар ин роҳ мисли ангуштони як мушт сарҷамъу муттаҳид бошем. Мо ҳаргиз ба умеди дигарон намешавем ва тамоми мушкилоту камбудиҳоямонро бо дастони худамон ва бо заҳмати аҳлонаи халқамон бартараф месозем».

Ин суханони пурҳикматро анҷомбахши матлаб интихоб намудан рамзу ҳикмат дорад. Мутмаинам, ки хонандаи ҳушманд онро дарк ва бо шукргузорӣ аз соҳибистиқлоливу соҳибдавлатӣ барои ҳифзи сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло рафтани нуфузу обрӯи Тоҷикистони маҳбубамон аҳлонаву софдилона заҳмат мекашанд.

**Далер АБДУЛЛО,**
**муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум»**




## ВАЗИР САБАБИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ТАБИБОНРО ШАРҲ ДОД

**Сабаби муҳоҷирати меҳнатии табибонро, ки хабарнигорон дар нишасти матбуотии 27 июли соли 2022 аз вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода пурсиданд, посух чунин буд: «Ин масъала ба нарасидани кадрҳои тиббӣ дар дигар мамлакатҳо ва барномаҳои махсуси ҷалбкунанда рабт дорад».**



Вазир қайд намуд, ки соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи эпидемиологии бемории сироятии коронавирус муътадил буд, ки он аз дастгирии пайвастаи Ҳукумати кишвар ва фаъолияти пурмаҳсули кормандони соҳа шаҳодат медиҳад.

Бо мақсади беҳтар намудани заминаи ҳуқуқӣ баҳри баланд бардоштани хизматрасонии тиббӣ 19 июли соли ҷорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории соҳа сол аз сол зиёд гардида, соли 2022 барои соҳаи тандурустӣ 2 миллиарду 881 миллиону 390 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардид.

Дар 6 моҳи аввали соли 2022 дар иншооти соҳа ба маблағи 9 миллиону 753 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расида, 61 муассиса ба истифода дода шуд.

Дар давраи мавриди назар 72 ҳазору 908 нафар зан аз ташхис гузаронида, дар 779 нафари онҳо иллатҳои модарзодӣ муайян шуда, таваллуди 481 кӯдаки маъюб пешгирӣ гардид. Аз нуқсонҳои дарёфтгардида 87 ҳолат ба никоҳи хешутаборӣ рабт дорад.

39 ҳазору 38 нафар шахси никоҳшавандаро аз муоинаи тиббӣ гузаронида, дар 378 нафар зардпарвин, 22 кас ВНМО, 15 нафар бемории рӯҳӣ ва як нафар бемории отташак муайян шуд.

Дар ин давра оид ба риоя накардани талаботи санитарию эпидемиологӣ нисбат ба 16 ҳазору 992 шахси мутасаддӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, 1 миллиону 208 ҳазору 285 сомонӣ ҷарима ба буҷет ворид гардид.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## НОҲИЯИ ҶАЙҲУН ХУДКИФО МЕШАВАД



**Раиси ноҳияи Ҷайҳун Абдулҳафиз Одиназода зимни нишасти матбуотӣ, ки 27 июли соли ҷорӣ баргузор гардид, чунин гуфт: «То соли 2024 ноҳияи Ҷайҳун пурра аз маблағҳои субвенсионии вилояту ҷумҳурӣ даст мекашад».**

Бо мақсади амалигардонии ин иқдом дар ноҳия бунёди парки технологӣ ба нақша гирифта шудааст, ки дар он зиёда аз 10 коргоҳу корхонаи саноатӣ сохта мешаванд. Ҷиҳати бунёди парки технологӣ замини сохтмон муайян ва соҳибкорон барои бунёди корхонаҳо ҷалб гардидаанд.

Дар баробари бунёди парки технологӣ, инчунин дар доираи нақша - чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эъмори 504 иншоот ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин шумора 34 адад корхонаҳои истеҳсолӣ мебошанд.

Ҳамчунин, дар панҷ соли оянда дар ноҳия бунёди 113 гармхона барои парвариши меваҳои ситрусӣ ва қулфинай, панҷ сардхона ва ду корхонаи истеҳсоли шарбат ба нақша гирифта шудааст, ки барои пурра худкифо шудани ноҳия мусоидат хоҳанд кард.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## МУСОФИРКАШОНӢ ДУЮНИМ БАРОБАР АФЗОИШ ЁФТ



**28 июли соли равон роҳбарони корхонаю муассисаҳои соҳаи авиатсияи граждании бо намояндагони воситаҳои ахбори омма дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ҷамъ омаданд. Дар оғози нишаст директори Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Сафарзода роҷеъ ба фаъолияти кормандони соҳа дар ним соли аввали соли 2022 маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, дар ин давра аз ҷониби агентӣ, тибқи тартиби қонунгузории амалкунанда, ҷадвали парвозҳои ширкатҳои ҳавопаймоии кишвар ба ҳафт кишвари хориҷи дуру наздик - Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Туркия, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Олмон бо зичии зиёда аз 200 парвоз дар як ҳафта тасдиқ шуд. Дар давраи зикршуда парвозҳои мунтазам дар хатсайрҳои Душанбе - Деҳлӣ - Душанбе ва Душанбе -Теҳрон - Душанбе оғоз гардид.**

Дар нимсолаи якуми соли равон фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар ба як миллиону 302 ҳазору 500 мусофир хизмат расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,5 маротиба зиёд аст. Аз ин нишондиҳанда 56 фоиз ба Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе рост меояд.

Дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти авиатсияи граждании бо 27 кишвари хориҷии дуру наздик созишномаҳо оид ба алоқаи ҳавоӣ ба имзо расид, ки аз онҳо 9 кишвари ИДМ, 7 кишвари Иттиҳоди Аврупо ва 11 кишвари Осиё мебошанд.

Дар рафти нишасти матбуотӣ ба вазъи имрӯзаи ҶСК «Тоҷик Эйр» таваҷҷуҳ зоҳир шуд. Роҳбарияти Агентии авиатсияи гражданӣ ва ҷамъияти мазкур дар ин бобат иброз доштанд, ки умед аст, оянда фаъолияти ширкат рӯ ба беҳбудӣ меорад. Айни ҳол дар асоси супориши Сарвазири мамлакат комиссияи байниидоравӣ масъалаи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод менамояд.

Дар давраи мавриди назар КВД «Тоҷикаэронавигатсия» ба 30,9 ҳазор ҳавопаймо хизмат расонидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба нимсолаи якуми соли гузашта ду баробар зиёд мебошад.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## ТОҶИКИСТОН БА ПАНҶГОНАИ НИЗОМИ БЕҲТАРИНИ ПЕШНИҲОДИ РАВОДИД ВОРИД ГАРДИД



**- Дар партави сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ рушд карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, - ин нуктаро дар нишасти матбуотӣ 28 июли соли 2022 раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷиддин Ҷуразода баён кард.**

Номбурда қайд намуд, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ 242 ширкати сайёҳӣ ба қайд гирифта шуда, 288 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият менамоянд, ки 182 меҳмонхона, 29 ҳостел ва мотел, 50 осоишгоҳ, 7 маркази муолиҷавӣ ва марказҳои солимгардонӣ ва 5 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ мебошанд. Аз шумораи умумии ширкатҳои сайёҳӣ ба шаҳри Душанбе 116 адад, ВМКБ - 49, вилояти Суғд - 41, вилояти Хатлон 18 адад рост меояд. Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд, 363 ҳазору 89 нафар сайёҳ арзёбӣ гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта се баробар зиёд мебошад.

То имрӯз созишномаҳои ҳамкорӣ ва ёддоштҳои тафоҳум бо 12 мамлакат, аз қабили Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри - Ланка, Шоҳигарии Ҳошимии Урдун,Франсия, Давлати Қувайт, ҷумҳуриҳои Исломии Эрон ва Покистон ба имзо расид.

Барои ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон раводиди навъи сайёҳии бисёркаратаи то 60 - рӯза роҳандозӣ шуда, амалӣ гаштани низоми содакардашудаи раводид бо 126 давлат имконият медиҳад, ки сайёҳон ва шаҳрвандони дигари хориҷӣ бе муроҷиат ба ниҳодҳои консулии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз тариқи онлайн раводиди электронӣ дастрас намоянд. Аз 1 январи соли 2022 барои 52 мамлакат низоми бераводиди яктарафа ҷорӣ гардид, ки барои ҷалби бештари сайёҳӣ ба Тоҷикистон мусоидат менамояд. Тибқи арзёбии байналмилалӣ, низоми раводиди электронии Тоҷикистон ба панҷгонаи низоми беҳтарини пешниҳоди раводид ворид гардида, зинаи чорумро сазовор гашт.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## ТАЪСИСИ ПАНҶ ИХТИСОСИ НАВ ДАР ДЭТ

**Соли таҳсили 2021 – 2022 дар Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон панҷ ихтисоси нав таъсис дода шуд, ки довталабон аз тариқи Маркази миллии тестии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро интихоб карданд. Дар ин бора ректори донишкадаи мазкур Диловаршо Исозода 25 июли соли ҷорӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Айни замон дар донишкада 2121 донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 883 нафар дар шуъбаи фосилавӣ таҳсил мекунанд. Аз 480 хатмкунандаи дараҷаҳои бакалавр, мутахассис ва магистр 13 нафар дар соли хониши ҷорӣ соҳиби дипломи аъло гардиданд.

92 донишҷӯи донишкада пас аз супоридани имтиҳонҳои давлатӣ, ҳимояи рисолаҳои хатм дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат сарбаландона хизмати Ватан - Модарро адо намуда истодаанд.



Дар ин давра аз омӯзгорони донишкада як нафар рисолаи докторӣ ва ду нафари дигар рисолаҳои номзади илмро ҳимоя намуданд. Чор омӯзгори донишкада дар Форуми минтақавии таълимии «Манбаъҳои барқароршавандаи энергия», ки 26 - 27 апрели соли равон дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, иштирок намуданд.

- Аз моҳи апрели соли ҷорӣ бо мақсади амалигардонии «Барномаи давлатии 20-солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020 - 2040» маҷаллаи илмии «Паёми Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон» таъсис ёфт.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## «МУТРИБ» - МАҶАЛЛАИ НАВИ КОНСЕРВАТОРИЯ

**Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов 22 июли соли равон нишасти матбуотӣ доир гардид. Ректори он Миралӣ Достизода иттилоъ дод, ки таҳсил дар ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи низоми кредитӣ ба роҳ монда шуда, донишҷӯён дар 14 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Айни ҳол дар консерватория 257 нафар донишҷӯ, 7 нафар шаҳрванди хориҷӣ (6 нафар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, як нафар аз Ҷумҳурии Исломии Эрон) таҳсил менамоянд.**



Дар муассиса гузаронидани дарсҳои маҳорат, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва сатҳи иҷрокунандагии омӯзгорону донишҷӯён равона шудааст, ба ҳукми анъана даромадааст. Ба чунин машғулиятҳо устодону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ ҷалб мешаванд. Чунончи, 18 феврали соли ҷорӣ дарси маҳорат ва барномаи консертии Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Аббос Қосимов дар мавзӯи «Зарбҳои анъанавӣ ва замонавӣ» ва 1 - 5 марти соли 2022 бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Франсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарси маҳорат бо иштироки пианинонавози шинохта Франсуа Шоплен баргузор гардид.

Зикр гардид, ки раёсати консерватория ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таҳти роҳбарии устодони соҳибтаҷриба ду намуди таҷрибаомӯзӣ – таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ (таълимӣ) ва таҷрибаомӯзии иҷрокунандагӣ (эҷодӣ) ба роҳ монда шудааст. Ҳар сол дар асоси шартномаи тарафайн таҷрибаомӯзии таълимӣ дар коллеҷу мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ ва таҷрибаи эҷодӣ дар ансамблу оркестрҳои давлатӣ гузаронида мешаванд. Имсол консерваторияро 66 нафар хатм намуда, се нафар бо хоҳиши худ ба хизмати ҳарбӣ сафарбар шуда, боқӣ, тибқи дархост ва тавсияи комиссия, ба ҷои кор таъмин гардиданд.

Дар консерватория нияти нашри маҷаллаи нави илмии «Мутриб»-ро доранд. Оинномаи маҷалла дар Шӯрои олимони консерватория тасдиқ гардида, ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани иҷозатнома пешниҳод шуд.

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## Фарҳод РАҲИМӢ: «АСТЕРОИДҲОИ ТАБИАТИ КОМЕТАВИДОШТА ОШКОР ШУДАНД»

**- Дар нимсолаи якуми соли 2022 олимони Академияи миллии илмҳо таҳқиқотро аз рӯи 111 мавзӯъ, аз ҷумла 68 мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ, 15 илмӣ - таҳқиқотии амалӣ ва 28 мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии бунёдию амалӣ идома дода, натиҷаҳои назаррас ба даст оварданд, - гуфт дар нишасти матбуотӣ президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ.**



Аз рӯи натиҷаҳои илмии бадастомада дар давраи мавриди назар аз ҷониби кормандони муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳо 1390 кори илмӣ, аз ҷумла 70 китобу монография, маҷмӯаҳои илмӣ, брошюра, тавсиянома, 1320 мақолаи илмӣ, аз онҳо 1200 мақола дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳурӣ, беш аз 120 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ, давлатҳои хориҷи дур ба нашр расиданд.

Фарҳод Раҳимӣ таъкид кард, ки чорабиниҳои муҳими илмӣ дар давраи зикршуда аз се ҳамоиш - Конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Нақши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва рушди суннатҳои Наврӯз» (18 марти соли 2022), Форуми байналмилалии «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот: дурнамои рушд» (19 майи соли 2022), Конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - оғози марҳилаи нави давлатдории миллӣ» (17 июни соли 2022) иборат буд.

Таҳқиқот дар соҳаи математика дар сатҳи баланд доир гардида, доир ба физикаи ҳолати конденсӣ, оптика ва электроникаи квантӣ, акустика натиҷаҳои муҳим ба даст омаданд. Тавсияҳо доир ба амнияти ядроӣ ва радиатсионии мамлакат коркард ва татбиқ шуданд.

Дар соҳаи астрофизика бо истифода аз технологияҳои муосири компютерӣ мушоҳидаҳои метеорҳо, кометаҳо, астероидҳо ва пораҳои ҳамсафарҳои сунъии Замин гузаронида шуданд. Астероидҳои наздизаминии табиати кометавидошта ошкор шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳал кардани масъалаҳои хатари астероидҳову кометаҳо ба Замин ва киштиҳои кайҳонӣ муҳим мебошанд.

Олимони соҳаи химия натиҷаҳое ба даст оварданд, ки аз дастовардҳо дар рушди усулҳои синтези маҳсулот бо хосиятҳои муайян – моддаҳои таъиноти биологӣ ва тиббӣ, ки барои ба вуҷуд овардани доруҳои нави табобатӣ аҳамияти калон доранд, шаҳодат медиҳанд.

Аз тарафи олимони зилзилашинос бо истифодаи технологияҳои навтарини системаҳои иттилоотии географӣ (ГИС) харитаи арзёбӣ кардани хатарнокии сейсмикии марзи Тоҷикистон тартиб дода шудааст, ки он ба ошкор намудани ҷои пайдоиши фурӯравиҳо ва ярч (лағжида фаромадани қабатҳои замин) ҳангоми заминҷунбиҳо имкон медиҳад.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

## ҚАБУДИЗОРКУНӢ ТАВСЕА ЁФТА, ОБТАЪМИНКУНӢ БЕҲТАР ГАРДИД

**Муовини якуми директори КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» Ҷӯрахон Ғафорзода дар нишасти матбуотие, ки 29 июли соли 2022 доир гашт, чунин иттилоъ дод:**

**- Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба маблағи 101 миллиону 117,4 ҳазор сомонӣ хизмати гуногуни коммуналӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 миллиону 641, 5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**



Дар ин давра кашонидани партовҳо 266 ҳазор метри мукаабро ташкил дода, аз тарафи корхонаҳои коммуналӣ ба маблағи 24 миллиону 250 ҳазор сомонӣ корҳои ободонию кабудизоркунӣ иҷро гардида, дар масоҳати 40,97 гектар хоҷагиҳои ёрирасон ва 65 гармхона ба масоҳати 9929, 5 метри мураббаъ ташкил шуданд.

Бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сохтмон, таҷдид ва бақарорсозии иншооти соҳа, аз ҷумла обтаъминкунию канализатсияи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сармояи институтҳои молиявии ҷаҳонӣ ҷалб гардида, дар доираи татбиқи чор лоиҳа корҳои назаррас ба анҷом расиданд.

Дар доираи лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимол» ҷиҳати барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳрҳои Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Истиқлол, Бӯстон ва Гулистон 5 қарордод ба имзо расид. Дар маҷмӯъ, гузаронидани 20, 5 километр қубурҳои полиэтиленӣ, бунёди 4 ҳавзи обтаъминкунӣ ва 2 чоҳи амудӣ ва пойгоҳи насосӣ анҷом ёфт. Инчунин, дар ин давра миёни Корхонаи фаръии давлатии «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Кӯлоб» ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд оид ба лоиҳаи «Обтаъминкунӣ ва корези шаҳри Кӯлоб» созишнома ба имзо расид.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## 38 МУРОҶИАТ МУСБАТ ҲАЛ ШУД

**- Дар нимсолаи якуми соли равон ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 835 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 253 адад камтар аст, - гуфт Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода зимни нишасти матбуотӣ 1 августи соли равон.**

Зикр гардид, ки аз муроҷиатҳои воридшуда 38 адади онҳо мусбат ҳал шуданд. Иттилоъ дода шуд, ки муроҷиатҳои хаттӣ тибқи таснифот бештар ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла ҳуқуқ ба манзил 19 адад, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 16, таъминоти иҷтимоӣ - 15, ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 11, муҳокимаи одилонаи судӣ - 7, дастрасӣ ба иттилоот - 5, дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз зӯроварӣ 4 ададро дар бар мегиранд.



Муроҷиатҳои шифоҳӣ бештар ба ҳуқуқ ба замин 24 адад, ҳуқуқ ба манзил - 22, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 17, ҳуқуқ ба муошират - 12, ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ - 8, ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 6, ҳуқуқ ба меҳнат - 5, ҳуқуқ ба таҳсил 3 адад рабт дошта, ба муроҷиаткунандагон маслиҳат дода шудааст.

**Ҳ. ТОҲИРӢ «Садои мардум»**

## ФАЙЗОБОД: РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ ТАЪМИР МЕГАРДАНД

**- Ноҳияи Файзобод аграрӣ буда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳама категорияҳои хоҷагидорӣ 106 миллиону 56,1 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба як соли пеш 4 миллиону 919,5 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Кишоварзон соли 2022 дар 8833,2 гектар замин кишт гузарониданд, ки асоси онро ғалладонагиҳо (гандум, нахӯд ва лӯбиёгиҳо), зироатҳои техникӣ, хӯроки чорво, картошка, сабзавот ташкил медиҳад, - иброз дошт раиси ноҳияи Файзобод Бобишо Холзода зимни нишасти матбуотие, ки 28 июли соли ҷорӣ доир гардид.**



Дар ин давра бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзӣ ба мизоҷон 22 миллиону 542 ҳазор сомонӣ қарз дода, аз ҳисоби маблағҳои грантӣ ва сармояи хориҷӣ 6 миллиону 362,5 ҳазор сомонӣ дар самти таъмини таҷҳизоти тиббӣ ва расонидани кумакҳои моддӣ ба ниёзмандон равона шуд.

Оид ба таъмини аҳолии деҳот бо оби тозаи ошомиданӣ, оби полезӣ, сабаби хушкшавии қисме аз дарахтони шафати шоҳроҳ ва барқарорсозии чоҳҳои амудӣ саволҳо пешниҳод шуд, ки ба онҳо раиси ноҳия ва мутасаддиён посухҳои қаноатбахш доданд.

Зикр гардид, ки кормандони Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия дар ин давра ба таъмири роҳҳои маҳаллӣ, ки 136 километрро дар бар гирифта, солҳо боз рӯи таъмири асосиро надидаанд, оғоз намуданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ПЕШРАВӢ ВА МУШКИЛОТИ НОҲИЯИ БАЛҶУВОН

**Раиси ноҳияи Балҷувон Бахтиёр Сафарзода зимни нишасти матбуотӣ зикр кард, ки дар нимаи аввали соли равон дар баробари пешравиҳо мушкилот низ вуҷуд доранд. Ба соҳилбандӣ эҳтиёҷ доштани 12 километр соҳили дарёҳо, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, набудани техникаи роҳдорӣ (экскаватор), норасоии омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ, нарасидани мизу курсӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия аз ҳамин ҷумлаанд.**

Ӯ, ҳамчунин, афзуд, ки бо вуҷуди мушкилоти ҷойдошта дар шаш моҳи аввали соли равон нақшаи даромади буҷет бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 111 фоиз таъмин гардид. Ба ҷои 6 миллиону 373 ҳазору 470 сомонӣ ба буҷет 7 миллиону 105 ҳазору 665 сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 732 ҳазору 195 сомонӣ зиёд мебошад.

- Мушкилии дигар бақияпулиҳои қарзи андоз мебошад, ки 1 миллиону 277 ҳазору 990 сомониро ташкил медиҳад. Бо мақсади кам кардани қарзи андоз дар шаш моҳ аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия як қатор корҳо анҷом дода шуд, ки дар ин замина маблағи зикршуда 600 ҳазор сомонӣ кам гардид,- гуфт Бахтиёр Сафарзода.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳафт миллиону 177 ҳазору 900 сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 571 ҳазору 200 сомонӣ зиёд мебошад.



Зикр шуд, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 51 миллиону 844 ҳазору 600 сомониро ташкил дод. Дар ин давра 1375 тонна гӯшт, 1020 тонна шир, 466 ҳазор дона тухм истеҳсол гардид.

- Бо мақсади дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон якҷо бо соҳибкорони маҳаллӣ дар самти созандагию бунёдкориҳо як қатор корҳоро ба сомон расониданд. Аз 257 адад иншооти банақшагирифта дар 25 иншоот корҳои сохтмонӣ идома дошта, то якуми июли соли 2022 се иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, - гуфт Бахтиёр Сафарзода.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410664 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Ваҳдат | Корҳои лоиҳакашӣ барои бинои иловагии 4-ошёна дар назди муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 17.08.2022 15:15:00 |
| 2 | 410662 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» | Лоиҳакашии сохтмони «ЗИБ 110/35/10кВ - «Ваҳдат» ва «ХИБ-110кВ» дар қисми ҷанубии шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 17.08.2022 15:20:00 |
| 3 | 410663 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Турсунзода | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 17.08.2022 15:30:00 |
| 4 | 410666 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Гулҳои мавсимӣ барои иншооти «Маҷмааи навбунёди қабули меҳмонони олиқадр» дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 17.08.2022 16:45:45 |
| 5 | 410669 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Дарахт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 17.08.2022 17:05:00 |
| 6 | 410672 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Дроссел, масолеҳи истеъмолӣ, молҳои канселярӣ ва рӯзгор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 18.08.2022 14:20:00 |
| 7 | 410671 | Муассисаи давлатии махсусгардонидашудаи нақлиёти тиббӣ | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомошинаҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 145 | 18.08.2022 14:25:00 |
| 8 | 410673 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Бинои нави маъмурии Нозироти андоз дар шаҳри Роғун» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.08.2022 14:30:00 |
| 9 | 410712 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии алоқа»-и шаҳри Душанбе | Роҳаткурсӣ ва компютер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.08.2022 15:20:00 |
| 10 | 410711 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти техникӣ ва офисӣ, кронштейн, кабел, таъминоти барқ, адаптер, камераҳои видеоӣ ва камера, дастгоҳ ва таҷҳизоти садо, мусиқии ранга, молҳои хона ва стенд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 19.08.2022 15:25:03 |
| 11 | 410713 | «Хонаи кӯдакони синни томактабии №1» дар шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 19.08.2022 15:30:00 |
| 12 | 410714 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Ангора (логотип), чаҳорчӯбаи металлӣ, лавҳа, диски оптикӣ, нишони сарисинагӣ ва даъватнома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 19.08.2022 16:10:00 |
| 13 | 410705 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №100-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Таъмири бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.08.2022 16:30:00 |
| 14 | 410715 | Корхонаи давлатии коммуналии «Идораи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Азнавбарқароркунии варзишгоҳи «Спартак»-и шаҳри Хуҷанд (корҳои пармакунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.08.2022 17:20:20 |
| 15 | 410716 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Барномаи зиддивирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.08.2022 17:35:00 |
| 16 | 410717 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №4»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 22.08.2022 12:25:00 |
| 17 | 410719 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №10»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 22.08.2022 13:10:00 |
| 18 | 410720 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №21»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 22.08.2022 13:25:00 |
| 19 | 410721 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №3»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 22.08.2022 14:10:00 |
| 20 | 410727 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишии ба номи И. Ҳасанов» | Хӯрокворӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 22.08.2022 14:20:13 |
| 21 | 410728 | КВД «Сохтмони асосии назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ» | Муҳаррик бо насос | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 15:15:15 |
| 22 | 410729 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи Зиёдулло Шаҳидӣ» | Техникаи маишӣ, пианино ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 22.08.2022 15:20:18 |
| 23 | 410718 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 22.08.2022 15:45:45 |
| 24 | 410684 | Бахши фарҳанги ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 16:00:00 |
| 25 | 410685 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 9-и деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 16:00:00 |
| 26 | 410687 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 16:00:00 |
| 27 | 410691 | Маркази саломатии ноҳияи Дарвоз | Ангишт барои КАТС-и ноҳия | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 16:00:00 |
| 28 | 410723 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоб | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.08.2022 16:00:00 |
| 29 | 410722 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Деваштич | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 22.08.2022 16:45:00 |
| 30 | 410724 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А. Рӯдакӣ»-и шаҳри Панҷакент | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 22.08.2022 23:44:55 |
| 31 | 410725 | Муассисаи давлатии «Маркази беморхонаи дил ва ҷарроҳии дилу рагҳо» дар вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 22.08.2022 23:44:55 |
| 32 | 410726 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара | Сохтмони бинои истиқоматии хизматии 45-ҳуҷрадор барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шаҳри Исфара (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.08.2022 23:44:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

**аз 6 апрели соли 2022, № 33/ф, шаҳри Душанбе**

**Дар бораи Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ 50-01-2021) «Асоси бино ва иншоотҳо» 120.030.030.**

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 4 ва 8 Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 150 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ 50-01-2021) «Асоси бино ва иншоотҳо» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, пас аз бақайдгирӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси кумита – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раиси кумита Маҳмадсаид ЗУВАЙДЗОДА**

**Шакли пурраи «Меъёру қоидаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚС ҶТ 50-01-2021) « Асоси бино ва иншоотҳо» 120.030.030. дар сомонаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.tajsohtmon.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1178 аз 19 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

## КУМИТАИ КОР БО ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

**аз 22 июли соли 2022, шаҳри Душанбе, №12**

**Дар бораи Низомнома оид ба унвонҳои фахрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 190.020.010.**

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ва сархати сенздаҳуми банди 9 Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 257 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Низомнома оид ба унвонҳои фахрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Фармоиши раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2017, № 06-в «Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба унвонҳои фахрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2021, № 910 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумита-сарпарасти соҳа гузошта шавад..

**Раис Абдулло РАҲМОНЗОДА**

**Шакли пурраи «Низомнома оид ба унвонҳои фахрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 190.020.010. дар сомонаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.javononvarzish.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1179 аз 26 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

## КУМИТАИ КОР БО ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

**аз 22 июли соли 2022, шаҳри Душанбе, №13**

**Дар бораи Низомнома оид ба дараҷаҳои тахассусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 190.020.020.**

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ва сархати сенздаҳуми банди 9 Низомномаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 257 тасдиқ шудааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Низомнома оид ба дараҷаҳои тахассусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси кумита – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

**Раис Абдулло РАҲМОНЗОДА**

**Шакли пурраи «Низомнома оид ба дараҷаҳои тахассусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 190.020.020. дар сомонаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.javononvarzish.tj ҷой дода шудааст.**

***Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами Р/Б 1180 аз 26 июли соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.***

# РАВЗАНАИ БОНКИ ИСЛОМИИ ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «ИМОН»

**ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021**
*(бо сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 (азнавдида) |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 9 | 10,283,377 | 3,480,869 |
| Қарздории дебиторӣ аз рӯи маблағгузории исломӣ | 10 | 3,942,327 | 327,564 |
| Воситаҳои асосӣ | 11 | 61,946 | 2,310 |
| Дигар дороиҳо | 12 | - | 26,938 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | 14,287,650 | 3,837,681 |
| **УҲДАДОРИҲО ВА ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | | |
| **УҲДАДОРИҲО** | | | |
| Дигар уҳдадориҳо | 13 | 27,026 | 14,673 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО** | | 27,026 | 14,673 |
| **ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | | 15,063,157 | 4,000,000 |
| Зарари ҷамъшуда | | (802,533) | (176,992) |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | 14,260,624 | 3,823,008 |
| **ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | 14,287,650 | 3,837,681 |

**Аз номи роҳбарияти Равзана:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

**28 марти соли 2022**
**ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд ... Равзанаи бонкии исломӣ ... РМА 510040217

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

**28 марти соли 2022**
**ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 БА ОХИР РАСИД**
*(бо сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои давраи аз 3 феврали соли 2020 то 31 декабри соли 2020 (азнавдида) |
|---|---|---|---|
| Даромад аз фаъолияти маблағгузории исломӣ | 5 | 271,080 | 16,751 |
| ДАРОМАДИ СОФ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ | | 271,080 | 16,751 |
| (Зарар)/даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | (14,978) | 190,735 |
| Ташаккули захира барои талафотҳои эҳтимолии қарзии дигар дороиҳо | 7 | (123,163) | (63,023) |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИАМАЛИЁТӢ | | 132,939 | 144,463 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 8 | (758,480) | (321,455) |
| ЗАРАР ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА АЗ ФАЪОЛИЯТИ ДАВОМКУНАНДА | | (625,541) | (176,992) |
| Хароҷоти андоз аз фоида | | - | - |
| ЗАРАР ДАР ДАВОМИ СОЛ | | (625,541) | (176,992) |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | - | - |
| ҲАМАГӢ МАҶМӮИ ЗАРАР | | (625,541) | (176,992) |

**Аз номи роҳбарияти Равзана:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

**28 марти соли 2022**
**ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд ... Равзанаи бонкии исломӣ ... РМА 510040217

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

**28 марти соли 2022**
**ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН!

ҶДММ «Кӯлоб-текстайл» фаъолияташро аз 1 августи соли 2022 қатъ намуда, ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ГАРДӢ 2015» бо роҳи ҳамроҳшавӣ бо гузаштани тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои худ мегузарад.

**Тел: 900-00-80-83, 900-00-80-05.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 089615-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 29-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1992 ба Ғозиева Фируза Саидбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2022 бо суроғаи гузаргоҳи якуми кӯчаи Улуғбек, хонаи 19 ба Салимов Раҳматулло Салимович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Коллеҷи фарҳанги Тоҷикистон ба номи П. Ҷ. Буйдоқов соли 2014 ба Ҳабибов Одилжон Жалолидинович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 6030119829, РМА 605279518 -и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2016 ба Нуъмонова Озода Исмоиловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1 Ш – 1310-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ соли 2008 бо суроғаи кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 85, ҳуҷраи 8 ба Одинаев Салум додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои бақайдгирии давлатӣ бо РЯМ 6030115612, РМА 023197728-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2016 ба хоҷагии деҳқонии «Ғанизода» додааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи иқоматӣ нисбати шахси бешаҳрванд бо силсилаи ШБ № 0001165-и гумшуда, ки онро ШШ ва КГ ХШБ ВКД ҶТ 26 августи соли 2020 ба Турсунова Гулнора Мусурмановна додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 3 августи соли 2022, соати 10:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдори шумора
С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров